**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.09.2026, №12

Барои сазовор донистани Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) бо протоколи №33, аз 22-юми июни соли 2026 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025, таҳти №206/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин 3-юми июни соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар соли 2020 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ. Забон ва адабиёти тоҷик» дараҷаи мутахассис хатм кардааст. Аз соли 2020 инҷониб ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 31.03.2022, қарори №10/6.13 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Боқиев Ҳамза Олимович мебошад.

Муқарризони расмӣ:

– **Мирзозода Муҳаммадшоҳ Мирзошо** – доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи забонҳои факултети забонҳо ва ҷомеашиносӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

– **Маликова Анзурат Садуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади

илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик Аҳмадов Сафармад Гадомадович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Икромов Искандар, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси филология Фақиров Хурсандмурод Насруллоевич пешниҳод шудааст ва бо имзою муҳри ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин, ки ба мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» бахшида шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқарраროти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт, асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумор 4-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Адабиётшиноси моҳиятбин ва равандшинос [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №8. – С.175-180. ISSN 2413-516X

[2-М]. Аҳмадхонов, К.Н., Боқиев, Ҳ.О. Розҳои таърих ва шинохти бадеии он [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов, Ҳ.О. Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – №4 (105). – С.137-142. ISSN 2219-5408

[3-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Нигоҳе ба зиндагии Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №6. – С.240-246. ISSN 2413-516X

[4-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Симоҳои шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя ва қиссаҳои Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (111). – С.135-142. ISSN 2219-5408

**II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Аҳмадхонов, К.Н. Бозтоби воқеияти таърихӣ дар романи «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир». Бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ Раҷабов Т.Б. дар доираи татбиқи барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)». – Душанбе, 2024. – С.674-679.

[6-М]. Аҳмадхонов, К. Расул Ҳодизода ва мавқеи ӯ дар рушду нумуи адабиёти муосири тоҷик [Матн] / К.Н. Аҳмадхонов // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир. – Душанбе, 2025. – С.431-433.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

**1.** Тақризи Нурзод Нуралӣ Нор – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мусбат буда, рисолаи диссертант Аҳмадзода Компонро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– бахши «Мубрамии таҳқиқот» ва фаслҳои боби аввали диссертатсия ба сурати муфассал дар автореферат шарҳу баён ёфтаанд. Хуб мешуд, ки аз ҳисоби ихтисори ин қисматҳо дар автореферат меҳварҳои қисматҳои дигар бештар манзур мешуданд;

– дар автореферати диссертасия бархе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд (масалан, саҳ. 4, 5, 24, 26 ва ғ.), ки ислоҳи он ба салоҳи кори муаллиф аст.

**2.** Тақризи Боев Шавкат Элмуродович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мусбат буда, диссертатсияи Аҳмадзода Компонро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳоди зерин манзур намудааст:

– дар фасли дуюми боби аввал осори илмии Расул Ҳодизода якҷоя бо асарҳои бадеӣ-таърихии ӯ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Агар диссертант, ин масъалаҳоро дар ду фасли алоҳида арзёбӣ менамуд, ба мақсад мувофиқ мебуд;

– дар саҳифаҳои 16 ва 18 калимаи «хоси» бо як ҳарфи «с» навишта шудааст. Дар саҳифаи 29, дар банди чаҳоруми хулосаи автореферат қисмати аввали ҷумла: «Таҳқиқи адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳи

садаи бист» дорои ғалат мебошад. Яъне, вожаи «нуздаҳ» бо бандаки изофӣ набуда, бояд бо пайвандаки пайвасткунандаи «у» навишта шавад. Дар саҳифаи 30 вожаи «мудовим» дар шакли нодурусти «мудавом» истифода шудааст.

**3.** Тақризи Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ низ мусбат буда, таҳқиқоти диссератациони диссертантро аз нигоҳи илмӣ пурарзиш муаррифӣ намудааст ва нуктаи зеринро барои беҳтар шудани сифати рисола пешниҳод кардааст:

– дар баробари ин комёбиҳо дар матни автореферати диссертант Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» баъзе камбудиҳои имлоиву техникӣ ба чашм хӯрданд, ки умедворем, аз тарафи муаллифислоҳи худро меёбанд.

**4.** Тақризи Дустов Комилҷон Авлокулович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур низ мусбат буда, рисолаи диссертант Аҳмадзода Комронро кори илмии анҷомёфта меҳисобад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– диссертант Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин муҳимтарин паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода ба таҳақиқ гирифта, объекти пажуҳишро **мушаххас намудааст.**

– унвонҷӯ бо такя ба маводди муътамади илмӣ ва адабӣ ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои осори Расул Ҳодизодаро аз назар гузаронида, тамоюлҳои гуногуни таҳқиқӣ ва маҳсули фаъолияти илмии ин донишмандро **мавриди таҳлил қарор додааст.**

– диссертант мушаххас намудан ва ошкор сохтани нақши Расул Ҳодизодаро дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, таҳқиқ ва арзёбии масоили муҳим ва осори намояндагони даврахои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ, инчунин, саҳми ӯро дар омӯзиши адабиёти нимаи дуюми садаи XIX намуда, мақоми ин олим ва нависандаро дар адабиётшиносӣ **равшан сохтааст.**

– аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Комрон хидматҳои муҳаққиқ дар таҳия ва нашри осори бадеии гузаштагон равшану возеҳ нишон дода шуда, арзиши ҳар яке аз онҳо **муаррифӣ гардидааст.**

– диссертант дар таҳқиқоти худ ба таври мушаххас нақши Расул Ҳодизодаро дар ташаккул ва таҳаввули насри муосири тоҷик **арзёбӣ ва равшан сохтааст.**

– довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин бо далелҳои раднопазир раванди ҷустуҷӯҳои бадеии нависандаро тасвири воқеаҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ **равшан таҳқиқ кардааст.**

– унвонҷӯ Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин саҳми омӯзиши таҷрибаи илмӣ-адабии Расул Ҳодизодаро дар тасвиру таҷассуми бадеии симои шахсиятҳои таърихӣ **муҳим медонад.**

– аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Комрон дастовардҳои илмӣ, унсурҳо ва хусусиятҳои сабки адиб дар заминаи осори илмӣ ва бадеии ӯ **муайян ва мушаххас гардидааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** маводди таҳқиқии дар диссертатсия, фароҳамомада чун марҷаи боэътимоди назариявӣ метавонанд барои унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ, магистрантон ва донишҷӯён муфид буда, дар ин замина омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии адибон, адабиётшиносони дигари тоҷик, таҳқиқи масъалаҳои монанд дар илми адабиётшиносӣ, баррасии марҳалаҳои ташаккул ва рушди маҳорати эҷодии адибон ва муҳаққиқони алоҳида фароҳам меояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки диссертант вазифаҳои муайянеро пеш гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чор банд мураттаб кардааст. Ин нуктаҳо муҳтавои фаслҳо ва бобҳои таҳқиқотро инъикос намуда, собит менамоянд, ки Расул Ҳодизода ҳамчун яке аз адабиётшиносони варзидаи тоҷик дар таҳқиқи таърихи адабиёт, таҳияву нашри осори намояндагони барҷастаи адабиёти бадеӣ корҳои мондагори илмӣ анҷом дода, ҳамчунин, бо таълифи як силсила осори мансури бадеӣ дар тарбияи ахлоқӣ ва завқӣ-зебописандии хонандагон саҳми босазо гузоштааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур раванди ибратпазирии хушахлоқии ҷомеаро таҳким мебахшад ва дар таълифи асарҳои филологӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд**, ки кори диссертант бар пояи метод ва усулҳои пазируфтаи адабиётшиносӣ иҷро гардидааст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз дастовардҳои илмӣ ва осори назариявии адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври зарурӣ истифода кардааст. Натиҷаҳои мушаххаси ҳар боб бо далелҳои муътамади илмӣ дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, нақд, мубоҳисаву муҳокима ва муқоиса ба даст омадаанд. Кори диссертатсионӣ бо барномаҳои илмӣ иртиботи мустаҳкам дошта, дар ҳар бобу фаслҳои он мубоҳисаҳои судманди илмӣ ва судманд дида мешавад.

Интихоби бамавриди роҳу усулҳои таҳқиқ ва омузиши амиқи манобеи илмӣ ва адабӣ ба диссертант имкон додаанд, ки аз мавзуъ ва масъалаҳои дар фаслҳои диссертатсия баррасигардида **хулоса ва тавсияҳои** дурусту эътимодбахш ба даст оварад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мешавад,** ки ӯ рисоларо мустақилона анҷом дода, ковишҳои илмиро бо масъулият ба роҳ монда, дар натиҷа ба дастовардҳои арзишманду судманд дар соҳаи адабиётшиносии ватанӣ ноил гардидааст.

Аҳмадзода К.Б. дар кори диссертатсионии худ ба таҳқиқу баррасии як зумра масоили ба мавзуъ марбут, аз қабили зиндагинома ва фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода, назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, нашру тадвини осори гузаштагон аз ҷониби муҳаққиқ, таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои ӯ ва нақши

Расул Ҳодизода дар рушду таҳаввули насри таърихии тоҷик пардохта, аз уҳдаи ҳалли ин масоил ба хубӣ баромадааст. Тамоми таҳлил, ҷамъбаст ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда натиҷаи фаъолияти мустақилонаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Аз ин рӯ, **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар таҳияи асосҳои назариявӣ, таҳлили маводди илмӣ ва баровардани натиҷаҳои таҳқиқ назаррас буда, арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам тақвият мебахшад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 2-юми сентябри соли 2026 дар бораи сазовор донистани Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 аъзо, 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – мутахассисон аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) 6 – нафар ва аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) 5 – нафар.

Аз 11 нафар аъзои иштирокдошта дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

Ҷ.М.

02.09.2026